# ХУЛОСАИ
## ниҳоии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № ___
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 12.05.2023, № 32

Дар бораи сазовор донистани Ҳабибов Далер Абдуллоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ.

Диссертатсияи Ҳабибов Далер Абдуллоевич дар мавзуи «Масъалаҳои ташаккулёбии маркетинги сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ба ҳимояи такрорӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 27-уми январи соли 2023 (Протоколи №23) қабул гардидааст (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2021, таҳти №311/01шд).

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҳабибов Далер Абдуллоевич соли таваллудаш 09.10.1969, соли 1992 факултети забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро бо ихтисоси “муаллими забони ҳиндӣ, муаллими забон ва адабиёти тоҷик” хатм кардааст. Соли 2014 Академияи дипломатии Федератсияи Россияро бо ихтисоси магистр дар самти муносибатҳои байналмилалӣ хатм намудааст. Дар солҳои 2015-2019 унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ қабул гардид. Дар айни ҳол дар низоми Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардида, дар ҷаласаи васеи он ба ҳимоя тавсия шудааст. Дар баробари ин, дар ҷаласаи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кори диссертатсионии Ҳабибов Д.А. дар мавзуи «Масъалаҳои ташаккулёбии маркетинги сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ гардида, ҳамчун кори илмии анҷомёфта арзёбӣ ва барои дарёфти дараҷаи иломии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя пешбарӣ шудааст.

**Роҳбари илмӣ**:

**Хидирзода Махфират Умар** – доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви Комиссияи маркази интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Искандаров Акбаршо Искандарович** - доктори илмҳои сиёсӣ, мудири шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ.

**Бабаев Кенҷа** - номзади илмҳои сиёсӣ, муаллими калони кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода;

**Муассисаи пешбар -** Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби сардори кафедраи фанҳои ҷамъиятии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Муҳаммад Саъдӣ Абдураҳмон, котиби ҷаласа – сардори синфхонаи кафедраи фанҳои ҷамъиятии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуллозода Умар ва омодасози лоиҳаи тақриз, номзади илмҳои таърих, муаллими калони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷев Ф.Н. имзо гардидааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Ҳабибов Далер Абдуллоевич дар мавзуи «Масъалаҳои ташаккулёбии маркетинги сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10 ва 11 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Ҳабибов Далер Абдуллоевич оид ба мавзуи диссертатсия 1 монография ва 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия чоп намудааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд.

**Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда:**

[1-М] Хабибов Д.А. Миграционные процессы в Республике Таджикистан. - Душанбе. «Ирфон». 2015.104 с.

[2-М] Хабибов Д.А. Некоторые теоретические и практические вопросы государственного регулирования избирательной кампании (на примере Республики Таджикистан)// Вестник Университета (Российско-Таджикский (славянский) университет). 2016. №1(52). –С.114-119. ISSN: 2077-8325

[3-М] Ҳабибов Д.А. Маркетинги сиёсӣ дар маъракаи интихоботӣ //Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи Баҳоваддинови АИ ҶТ. 2016. №4 –С. 81 – 86. ISSN 0235-005X.

[4-М] Хабибов Д.А. СМИ в качестве инструмента политического маркетинга в избирательной кампании// Вестник Таджикского

национального университета. 2016.№2/1(193). –С. 297 – 303. ISSN 2413-5151

[5-М] Ҳабибов Д.А. Мафҳум ва намудҳои маркетинги сиёсӣ// Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Маркази тадқиқоти стратегии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.2016.№1(51). С. 58 – 64. ISSN 2075 – 9584

[6-М] Хабибов Д.А. Политический маркетинг в избирательной системе// Вестник Таджикского национального университета. 2016. № 2/2(197). –С. 297 – 303. ISSN 2413-5151

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои муҳаққиқони зерин ворид шудаанд:**

**Нуриддин П.Р.** - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст ва ду эрод дорад:

- муаллифро зарур буд, ки нақши маркетинги сиёсиро дар раванди идораи давлатии Тоҷикистони муосир тавассути амалҳои воқеӣ мавриди тавсиф қарор медод;
- дар зербоби чоруми боби сеюм муаллиф ВАО-ро ҳамчун воситаи амалигардонии маркетинги сиёсӣ маънидод намудааст. Хуб мешуд, ки вазифаҳои ВАО-ро дар мавриди масъалаи мазкур мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор медод.

**Наимов И.Н.** - номзади илмҳои сиёсӣ, муаллими калони кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст ва ду эрод дорад:

- муаллиф дар зербоби якуми боби дуюми диссертатсия дар бораи инкишофи идоракунии давлатӣ сухан меронад. Аммо ӯ чандон ба мақоми маркетинги сиёсӣ дар раванди мазкур таваҷҷуҳи амиқ равона насохтааст;
- маркетинги сиёсӣ дар раванди интихобот намунаи беҳтарин ба шумор меравад. Муаллиф бояд ба истифодаи он дар марҳилаҳои муайяни интихобот диққати бештар медод.

**Додихудоев Х.А.** - номзади илмҳои сиёсӣ, ходими калони илмии шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст ва ду эрод дорад:

- муаллиф дар зербоби аввали боби якуми кори диссертатсионӣ ба масъалаҳои назариявии ташаккули маркетинги сиёсӣ аҳамияти бештар дода, ба тарзи муносибат, ки хосияти методологӣ дорад чандон таваҷҷуҳ накардааст;
- муаллифро зарур буд, ки навъҳо ва шаклҳои зуҳуроти маркетинги сиёсиро дар шароити Тоҷикистони муосир тавсиф менамуд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 33-34 ва 36-38-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризон ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо дар мавзуи

таҳқиқшуда, аз ҷумла дар бораи хусусиятҳои ташаккули маркетинги сиёсӣ дар шароити Тоҷикистони муосир ва ғайра корҳои илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додаанд ва мутахассисони шинохтаи соҳаҳои илми худ маҳсуб меёбанд. Муассисаи пешбар – Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Точикистон дар самти омӯзиши масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсӣ, шаклҳои идоракунии давлатӣ, аз ҷумла тавассути маркетинги сиёсӣ саҳми босазо дорад ва ба масъалаҳои ташаккули ҷомеаи муосири Тоҷикистон, амалисозии идеалҳои рушди ҳаёти сиёсии ҷомеа ва ҳалли масъалаҳои сиёсию иҷтимоӣ аҳамияти хосса медиҳад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- дар доираи илмҳои сиёсии ватанӣ бори аввал таърифи маркетинги сиёсӣ дар маъракаи интихоботӣ ҳамчун фаъолият оид ба идоракунии раванди омӯзиш ваояндабинии талабот ба “маҳсулот”-и сиёсӣ, созмон додани намудҳои нави он мутобиқи таработҳо ва интизориҳои бозори сиёсӣ, боло бурдани ҷолибият ва пешбурди муваффақонаи “маҳсулот”-и мавриди ниёзбудаи сиёсӣ дар фазои интихоботӣ, бо истифодаи технологияҳои мутобиқ ва самараноки сиёсӣ-интихоботӣ пешниҳод карда шудааст;

- чунин хусусиятҳои бозори муосири сиёсии ҷумҳурӣ, ба монанди ташаккулнаёфта ва маҳдуд будани шумораи иштирокдорони он, парокандагӣ, якрангӣ ва ё нофаҳмо будани барномаҳои сиёсии пешниҳодшаванда ва роҳҳалҳои дигари масъалаҳои моҳияти иҷтимоидошта муайян карда шудаанд;

- махсусияти маркетинги сиёсӣ дар маъракаи интихоботӣ ва мудирияти давлатии сиёсӣ дар Тоҷикистон нишон дода шудааст: мутобиқшавии нокифояи он ба шароитҳои иҷтимоӣ-сиёсии кишвар, доираи маҳдуди технологияҳои сиёсӣ-маркетингии истифодашаванда дар шароити рушднаёфта будани ҷомеаи шаҳрвандӣ, фарҳанги шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, ки самаранокии маркетинги сиёсиро дар Тоҷикистони муосир кам мекунанд;

- хулоса дар бораи он бароварда шудааст, ки дар замони муосир таҳқиқотҳои сиёсӣ-маркетингӣ ваояндабинии маъракаҳои сиёсӣ-интихоботӣ бо вуҷуди зарур буданашон, ҳанӯз комилан инкишоф наёфтаанд, онҳо дар ҳолатҳои нодир ба таври маҳдуд, сода ва ғайрикасбӣ доир карда мешаванд;

- чунин махсусиятҳои истифодаи технологияҳои таҳия кардан ва пешбурди “маҳсулот”-и сиёсӣ ҳамчун содагӣ ва якрангии тавсифҳои имиҷии намудҳои пешниҳодшавандаи “маҳсулот”, паст кардани сифатҳои барномавӣ-сиёсӣ дар баробари пурзӯр намудани шахсигардонии он, водор кардани интихобкунанда ба интихоби эҳсосотӣ, на мақсадноки “маҳсулот”-и сиёсӣ, истифодаи табиатан расмии фақат муоширатҳои нисбатан маъмули сиёсӣ (матбуот, интиқоли суроғавии маводҳои таблиғотӣ, тасарруфи варақагӣ, таблиғоти берунӣ), самтгирӣ ба созмон додани имиҷи сарварони сиёсӣ, на ҳизбҳои сиёсӣ,

истифодаи технологияи воситаҳои маъмурии ҳокимияти давлатӣ ҷудо карда шудаанд;

- тарзи таҳқиқи суроғавӣ, вазифавӣ, имиҷӣ, иттилоотӣ-таҳлилӣ ва захиравӣ ба арзёбии самаранокии маркетинги сиёсӣ дар маъракаи интихоботӣ ва мудирияти давлатии сиёсӣ асоснок карда шудаанд, ки ҳамчун асос барои муайянкунии меъёрҳои ин самаранокӣ хизмат карда метавонанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- муқаррароти назариявӣ ва хулосаҳои диссертатсия барои ба таври густурда омӯхтани масоили пайдоиш ва рушди маркетинги сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши он дар идоракунии раванди маъракаҳои сиёсӣ ва интихоботӣ, мудирияти давлатии сиёсӣ ва таъсири он ба интихоби сиёсии интихобкунандагон имконият фароҳам меоранд;

- муқаррароти асосии диссертатсия ва маводи дар он умумигардонидашудаи таҷрибавиро метавон дар раванди таҳқиқоти минбаъдаи илмии масъалаи мазкур, дар тартиб додани дастурамалҳои илмӣ ва илмӣ-методӣ, дар хондани курсҳои махсус оид ба ҷомеашиносии сиёсӣ ва маркетинги сиёсӣ мавриди истифода қарор дод. Таҳлили гузаронидашуда ва тавсияҳои таҳиягардида дар таҷрибаи банақшагирӣ ва доир сохтани маъракаҳои интихоботӣ манфиатнок хоҳанд буд.

**Натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар воқеияти ҷамъиятӣ татбиқи васеи хешро пайдо менамоянд.** Натиҷаҳои кори илмӣ – таҳқиқотӣ дар пажӯҳиши минбаъдаи маркетинги сиёсӣ, махсусан ҷиҳати таҳқиқи раванди интихоботӣ ва мудирияти давлатӣ метавонанд ҳамчун сарчашмаи назариявӣ истифода гарданд. Аз ҳама муҳим ин аст, ки дар таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои назариявии истифодаи технологияҳои маркетингӣ дар шароити Тоҷикистон коркард шудаанд. Инчунин хулосаҳои таҳқиқот барои возеҳу равшан намудани нақши ВАО ҳамчун воситаи маркетинги сиёсӣ дар раванди интихоботӣ ва мудирияти давлатӣ низ мусоидат менамоянд.

Маводи диссертатсия дар раванди таълими илмҳои сиёсӣ, дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ метавонанд истифода шавад. Инчунин, арзиши назариявии натиҷаҳои тадқиқот бо он асоснок карда мешаванд, ки хулосаҳо ва баррасиҳои муаллиф дар заминаи таҳлили назарияи илмӣ ва тағйирпазирии равандҳои сиёсӣ анҷом дода шудаанд, ки дар самти коркарди консептуалии маркетинги сиёсӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** хулосаҳо ва пешниҳодоти таҳқиқот ба воситаи заминаҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок гардидаанд. Пеш аз ҳама, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба воситаи мухолифат надоштани онҳо бо назарияи сиёсии мавҷуда ва мувофиқати методҳои илмии истифодашуда бо соҳаи илми сиёсӣ ифода мeёбад. Инчунин, истифодаи сарчашмаҳои расмӣ ва хулосаҳои муаллиф роҷеъ ба масъалаи маркетинги сиёсӣ дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ ва назарияи сиёсӣ

таҳия гардида, дараҷаи эътимоди илмии он ба кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Хулоса ва тавсияҳо дар заминаи таҳлилҳои илмӣ-назариявӣ, мутобиқ бо натиҷагириҳои таҳқиқот манзур шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсули чандинсолаи фаъолияти илмии муаллиф мебошад. Ҳамаи давраи иҷроиши нақшаи кории илмӣ–таҳқиқотии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф роҳандозӣ шудаанд. Саҳми шахсии муаллиф дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор мераванд.

Маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз таърихи 12-уми майи соли 2023 дар бораи сазовор донистани Ҳабибов Далер Абдуллоевич ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 12 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Аз 4 нафар иштирокчиён, ки дар маҷлиси шуро ҳозир буданд, овоз доданд: тарафдор – 12, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор /______________/ Зокиров Г.Н.

И. в. котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих /______________/ Акрамӣ З.И.

12.05.2023